**«Тасдиқ шудааст»**
Бо Қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
№ 16 аз “ 11 “ 08 с. 2023

# Тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (минбаъд – Тартиб) мутобиқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” таҳия гардида, тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон ба пасандоздорон пешниҳод намудани маълумот оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳоро муқаррар менамояд.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби мазкур аз ҷониби Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд - Хазина) бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, баланд бардоштани сатҳи огоҳии пасандоздорон ва саводнокии молиявии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, инчунин таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

2. Ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд раванди маълумотдиҳӣ ва пешниҳоди ахбороти дахлдорро оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва иштироки худро дар он ба пасандоздорон (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ)-и маблағҳояшон суғурташаванда ва аҳолӣ (мизоҷон) тибқи талаботи Тартиби мазкур дар шакли муайян саривақт ва ба таври дақиқу дастрас ба роҳ монанд.

3. Агар дар Тартиби мазкур тартиби дигаре муайян нагардида бошад, мафҳумҳои дар он истифодашуда бо маънои мафҳумҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” додашуда мувофиқат менамоянд.

## 2. Маводҳои иттилоотии Хазина оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

4. Бо мақсади пешниҳод намудани маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо аз ҷониби Хазина маводҳои таблиғотӣ-

маълумотии зерин дар шакли чопӣ ва электронӣ (рақамӣ) таҳия карда мешаванд:

- маводҳои намунавии иттилоотӣ, аз қабили варақа (брошюра), плакат (постер) ва дастур ба пасандоздорон бо дарҷи маълумот оид ба Хазина, суғурта гардидани амонату пасандозҳо, андозаи ҷубронпулии суғурта, инчунин дар бораи тартиби пардохти ҷубронпулӣ ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ва тартиби муроҷиати пасандоздор барои гирифтани ҷубронпулии суғурта;

- варақаи (брошюраи) алоҳидаи иттилоотии намунавӣ барои пешниҳод ба мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ дар вақти кушодани суратҳисоби амонату пасандозҳое, ки тибқи қонунгузорӣ объекти ҳатмии суғурта мебошанд;

- нишон (эмблемаи худчасп)-и намунавии узвият дар Хазина, ки дар даромадгоҳ ва дохили бино (филиал)-ҳои ташкилоти қарзӣ, инчунин дар банкоматҳои қабулкунандаи маблағ ҷойгир карда мешаванд;

- нишони (рамзи) рақамии Хазина барои инъикос дар саҳифаҳои асосии сомонаҳои расмии худ дар шабакаи Интернет ва барномаҳои мобилӣ;

- маводи иттилоотӣ дар шакли саволҳои бештар додашаванда ва ҷавоб ба онҳо.

5. Хазина вазифадор мешавад, ки маводҳои дар банди 4 Тартиби мазкур пешбинишуда ва намунаи электронии онҳоро ба ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина барои пешниҳод ба пасандоздорон ва мизоҷон паҳн намояд.

6. Хазина тибқи дархост ба кормандони ташкилотҳои қарзӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо чорабиниҳои омӯзишӣ мегузаронад.

## 3. Тартиби пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина

7. Бо мақсади иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ва Тартиби мазкур ташкилотҳои қарзиро мебояд маълумоти зеринро оид ба суғуртаи амонату пасандозҳо дар ҷойҳои намоён ва утоқҳои барои пасандоздорон дастраси ташкилоти қарзӣ, дар лавҳаҳои иттилоотӣ ва электронӣ, дар сомонаҳои расмии худ дар шабакаи Интернет ва дигар ҷойҳои махсус пешниҳод намоянд:

- нусхаи рангаи Тасдиқнома дар бораи узвияти ташкилоти қарзӣ дар Хазина ва иштироки онро дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, ки аз ҷониби Хазина дода шудааст, дар саридора ва воҳидҳои сохтории худ ҷойгир намоянд;

- ба пасандоздорон оид ба рақами ташкилоти қарзӣ дар Феҳристи ташкилотиҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва дар бораи Тасдиқномаи аз ҷониби Хазина додашуда маълумот пешниҳод кунанд;

- дастрасӣ ба маводу варақаҳои иттилоотии Хазина (брошюра, плакат) ва мавҷудияти доимии онҳоро дар саридора ва воҳидҳои сохтории худ таъмин намоянд;

- ҳангоми бастани шартномаи кушодани суратҳисоби амонату пасандоз, дар матни шартномаҳои пасандозӣ банди алоҳида оид ба суғурта гардидан ё нагардидани пасандозҳо ворид карда шавад ва ба мизоҷон варақаи иттилоотиро оид ба суғуртаи амонату пасандозҳо тибқи замимаи Тартиби мазкур тақдим намоянд;

- нишони (эмблемаи худчасп) узвият дар Хазинаро дар даромадгоҳ ва дохили бинои ташкилоти қарзӣ (филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ), инчунин дар банкоматҳои қабулкунандаи амонату пасандоз ҷойгир намоянд;

- нишони рақамии Хазинаро дар саҳифаҳои асосии сомонаҳои расмии худ дар шабакаи Интернет ва барномаҳои мобилӣ инъикос намоянд;

- дастуреро, ки дар он ҷавобҳо ба саволҳое, ки бештар оид ба Хазина пурсида мешавад, паҳн намоянд;

- суроғаи Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон, нишони сомонаи Хазина дар шабакаи Интернет, суроғаи электронӣ ва рақами телефони тамоси Хазинаро интишор ва паҳн намоянд.

8. Ташкилотҳои қарзӣ барои саривақт бо маводҳои иттилоотии Хазина таъмин намудани воҳидҳои сохтории худ, ки дар он хизматрасонии мизоҷон ва қабули амонату пасандозҳои пасандоздорон амалӣ карда мешавад (толорҳои амалиётии филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ), масъул мебошанд.

9. Ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд ҷиҳати ба самъи мизоҷон ва пасандоздорон самаранок расонидани маълумот оид ба масъалаи суғуртаи амонату пасандозҳо, аз ҷумла тибқи намунаи матни дар замимаи Тартиби мазкур дарҷшуда, кормандони масъули худро тайёр намоянд.

Дар сурати аз ҷониби мизоҷ/пасандоздор пешниҳод шудани саволу дархост ё саволе, ки аз доираи маълумоти пешбининамудаи Тартиби мазкур берун бошад, он гоҳ корманди масъули ташкилоти қарзӣ метавонад ба дархосткунанда тавсия диҳад, ки бевосита ба Хазина муроҷиат намояд ё ин ки маълумоти муфассалро аз сомонаи Хазина дар шабакаи Интернет дастрас намояд.

10. Ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд, ки дар сомонаҳои расмии худ дар шабакаи Интернет дар бахши муаррифкунандаи маҳсулоти амонату пасандозӣ зербахши алоҳидаи "Суғуртакунии амонату пасандозҳо" барпо карда, дар он маълумоти дахлдорро оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, узвият дар Хазина, пасандоздорон ва пасандозҳои суғурташаванда, андозаи ҷубронпулӣ ва тартиби ҷуброни пули пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, инчунин нишони суроғаи сомонаи расмии Хазина (www.idif.tj) ҷойгир кунанд.

11. Ба ташкилотҳои қарзӣ тавсия дода мешавад, ки дар маводҳои ташвиқотии (рекламаҳои) маҳсулотҳои амонату пасандозии худ, ки тавассути телевизион, радио, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ё нашрияҳо чопӣ (буклет, плакат, маҷалла, рӯзнома ва ғайра) интишор карда мешаванд, маълумоти намунавии зеринро оид ба узвияти худ дар Хазина ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (хаттӣ ё шифоҳӣ) ҷойгир намоянд:

"__________ *(номи пурраи ташкилоти қарзӣ) узви Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон буда (Тасдиқномаи узвият аз "__" _____ соли 20__, №___), маблағҳои пасандоздорон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" суғурта шудаанд.*"

## 4. Тартиби истифода бурдани нишони узвият дар Хазина

12. Ташкилотии қарзӣ нишони Хазинаро бояд тибқи тартиби мазкур истифода баранд:

- ҳангоми истифода бурдани нишон тағйир додани шакл ё ранги он, ворид намудани тасвири иловагӣ, инчунин таҳрифи калимаҳо ва ҳарфҳои он иҷозат дода намешавад;
- нишон бояд аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо роҳи ҷойгир намудани он дар хазинаҳои амалиётӣ, лавҳаҳои иттилоотӣ ва даромадгоҳи бинои ташкилотҳои қарзӣ, инчунин дар дигар ҷойҳои ба муштариёни ташклоти қарзӣ намоён истифода бурда шавад;
- истифодаи нишон аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо мақсади реклама, яъне паҳн намудани он дар шакли гуногун, бо истифода аз воситаҳои таблиғотии ташкилоти қарзӣ иҷозат дода мешавад;
- ташкилоти қарзӣ - узви Хазина уҳдадор аст, ки нишони мазкурро дар сомонаи худ дар шабакаи Интнернет ҷойгир намояд;
- ташкилотҳои қарзӣ метавонад нишони Хазинаро дар буклет, брошюра, лавҳаҳои маълумотию ташвиқотӣ оид ба ҷалби амонату пасандозҳои муштариён истифода барад.

## 5. Муқаррароти хотимавӣ

13. Назорати риояи талаботи Тартиби мазкур аз ҷониби Хазина тавассути санҷишҳои гузаронидашавандаи ташкилотҳои қарзӣ ва таҳияи санадҳои санҷишии мутобиқати пешниҳоди маълумот аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба пасандоздорон ба роҳ монда мешавад.

14. Ҳангоми ошкор гардидани ҳолатҳои дағали риоя карда нашудани талаботи Тартиби мазкур Хазина аз Бонки миллии Тоҷикистон андешидани чораҳои ислоҳнамоӣ ва таъсиррасониро нисбат ба ташкилоти қарзӣ дархост мекунад.

**Замима**
ба Тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ
пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон
оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

| НОМГУЙ ВА ЛОГОТИПИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ - УЗВИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО | ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН |
|---|---|

# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ БА ПАСАНДОЗДОР ОИДИ НИЗОМИСУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО

| | |
|---|---|
| **Мизоҷи мухтарам,**<br><br>Тавассути «Варақаи иттилоотӣ»-и мазкур тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо», мо Шуморо оиди низоми суғуртаи амонату пасандозҳо хабардор менамоем | Маълумот оиди ташкилоти қарзӣ:<br><br>Ному насаби пасандоздор:<br><br>Ҷой (*сарбонк, филиал*) ва сана: |

## Маълумоти асосӣ оиди суғуртаи амонату пасандозҳои Шумо

Амонату пасандозҳои Шумо дар [***номгӯи ташкилоти қарзӣ***] аз ҷониби **Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон** суғурта шудаанд

| | |
|---|---|
| Амонату пасандозҳои зерин дар ташкилоти қарзӣ суғурта шудаанд: | ✓ Амонату пасандозҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ гузоштаи пасандоздорон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, ки бо шартномаҳои пасандози бонкӣ ва (ё) суратҳисобҳои амонатии бонкӣ, суратҳисобҳои бонкии кортҳои пардохтӣ ва ё дафтарчаҳои амонатӣ тасдиқ карда шудаанд |
| Маблағи амонату пасандозҳои шахсон (пасандоздорон)-и зерин суғурта шудаанд: | ✓ Шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ<br>✓ Шахсони ҳуқуқӣ – субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ |
| Ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорон: | ✓ Ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ* аз ҷониби Хазина ба пасандоздорон ҷуброни маблағи амонату пасандозҳои суғурташуда кафолат дода мешавад<br><br>✓ Андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда <u>**35 000 сомониро**</u> ташкил медиҳад |

| | |
|---|---|
| Ҷубронпулии суғурта бо кадом асъор пардохт карда мешавад: | ✓ Амонату пасандозҳое, ки бо пули миллӣ гузошта шудаанд, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд.<br>✓ Амонату пасандозҳое, ки бо асъори хориҷӣ гузошта шудаанд, аз рӯи қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар рӯзи ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ муқаррар карда шудааст, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд |
| Агар пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ якчанд суратҳисоби амонату пасандозӣ дошта бошад: | ✓ Он гоҳ ҳамаи суратҳисобҳо якҷоя карда шуда, ҷубронпулӣ дар асоси маблағи умумии дар суратҳисобҳои амонату пасандозӣ мавҷудбуда ва на зиёда аз 35 000 сомонӣ пардохта карда мешавад |
| Мухлати оғози пардохти ҷубронпулӣ ҳагоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ: | ✓ Хазина на дертар аз 14 рӯзи пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон оғоз менамояд |
| Суроғаи Хазина барои тамос: | Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 734061<br>кӯчаи Маяковский 77/2<br>Телефон: +992 (44) 600-66-00, 600-32-45<br>Почтаи электронӣ: info@idif.tj |
| Муфассалтар дар сомонаи Хазина: | www.idif.tj |
| Тасдиқи гирифтани варақаи иттилоотӣ аз ҷониби пасандоздор | Тасдиқ менамоям:<br>Ному насаб ______________________________ Имзо__________ |

## Маълумоти иловагӣ

**(1) Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**

* Ташкилоти қарзии Шумо [*номгӯи ташкилоти қарзӣ*] иштирокчии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва узви Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) мебошад.
* Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо - ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, ки аз ҷониби Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ равона шудааст.
* Амонату пасандозҳои Шумо ба таври автоматӣ аз ҷониби Хазина ройгон бе ягон пардохти иловагӣ суғурта карда мешавад ва ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҷуброн карда мешавад.
* Ҳолати суғуртавӣ - барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд бе асосҳои муфлисшавӣ ё бо асосҳои муфлисшавӣ, ки сабаби ба вуҷуд омадани уҳдадории Хазина оид ба ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда мегардад.

**(2) Ҷуброни пули суғуртаи амонату пасандозҳо**

* Фоизҳои амонату пасандозҳо аз ҷониби Хазина ҷуброн карда намешаванд. Агар тибқи шартномаи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ сармоякунонии фоизҳо пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ ҷубронпулӣ аз рӯйи маблағи бақияи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ пардохт карда мешавад

* Агар ба санаи ба вуқуъоии ҳолати суғуртавӣ маблағи пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ аз андозаи ҷубронпулӣ (35 000 сомонӣ) зиёд бошад, он гоҳ баъди гирифтани ҷубронпулӣ маблағи боқимондаи пасандоздор мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мудири махсус (барҳамдиҳандаа)-и ташкилоти қарзии барҳамдодашуда пардохт карда мешавад.
* Агар ҳолати суғуртавӣ дар якчанд ташкилоти қарзӣ фаро расад, ки дар онҳо пасандоздор суратҳисобҳои амонату пасандозӣ дорад, он гоҳ андозаи ҷубронпулии суғурта барои ҳар як ташкилоти қарзӣ алоҳида ҳисоб карда мешавад.

**(3) Пардохти ҷубронпулии суғурта**

* Хазина ташкилоти қонунан ваколатдор барои пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина мебошад.
* Пардохти ҷубронпулии суғурта на дертар аз 14 рӯз пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ оғоз мегардад. Пардохти ҷубронпулии суғурта тавассути бонк-агент дар асоси аризаи пасандоздор дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ бо роҳи гузаронидани маблағ ба суратҳисоби нишондодаи пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ анҷом дода мешавад.

Муҳтарам пасандоздор! Барои дарёфти маълумоти муфассалтар аз сомонаи расмии Хазина истифода баред: www.idif.tj

**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН – КАФОЛАТИ ҶУБРОНИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ШУМО!**